Ҷадвали
ҷараёни иҷрои бандҳои протоколҳои ҷаласаҳои 7, 8, 9 ва 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

| Қарорҳои протоколии ҷаласаи ҳафтуми Шӯрои машваратӣ аз 15 марти соли 2011 | | | |
|---|---|---|---|
| **Мазмуни супоришҳои протоколӣ** | **Мӯҳлати иҷро** | **Ҷараёни иҷро** | **Эъзох** |
| Тибқи тартиби муқарраршуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи «Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тақвият бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Нимсолаи аввали соли 2011 | ***Иҷро шудааст.***<br>Лоиҳаи «Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тақвият бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардида, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, вале аз сабаби дар нақшаи кории Ҳукумати ҷумҳурӣ ворид гардидани қисми зиёди чорабиниҳои дар лоиҳа инъикосгардида, қабули он ғайримақсаднок эътироф гардид. | |
| Такмил додани лоиҳаи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» | Соли 2011 | ***Иҷро шудааст.***<br>«Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» такмил дода шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 №459 қабул карда шуд. | |
| Таъсиси Шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди раисони вилоятҳо ва шаҳри Душанбе | Соли 2011 | ***Қисман иҷро шудааст.***<br>Дар назди Раисони ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, ноҳияи Фархор, шаҳрҳои Кулоб, Истаравшан, Исфара, Панҷакент ва водии Рашт шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис карда шудааст. Дар шаҳри Душанбе масъалаи зикргардида мавриди баррасӣ қарор дорад. | |
| Пешниҳод намудани таклифҳои бахши хусусӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯро | Мунтазам | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Дар ҷаласаҳои навбатии Шӯро лоиҳаи Кодекси андоз, масъалаҳои рушди соҳибкории хурду миёна ва тақвият бахшидани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Аз ҷониби бахши хусусӣ тақрибан 10 масъала барои барарсӣ ба ҷаласаҳои Шӯро пешниҳод карда шудааст. Аз ҷониби мутахассисони Котиботи Шӯро оид ба масъалаҳои пешниҳодшуда таҳлилҳои зарурӣ гузаронида шуданд. Айни замон, мавзӯҳои мазкур ба ҷаласаҳои навбатии Шӯро пешниҳод карда шудаанд.<br>Марҳилаҳои интихоби мавзӯҳо гузаронида шудааст. | |
| Таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав | Соли 2012 | ***Иҷро шудааст.***<br>Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таъсис дода шудааст. Аз ҷониби Комиссияи давлатӣ лоиҳаи Консепсияи Кодекси андоз дар таҳрири нав таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ карда шудааст.<br>Дар ҷаласаи 9-уми Шӯро Ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав шунида шуд. Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид. | |
| Аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо ҳал намудани мушкилоти дастрас намудани қарзҳои дарозмуддат барои рушди фаъолияти сохтмонӣ | Мунтазам | ***Қисман иҷро шудааст.***<br>Тибқи иттилои Бонки миллӣ айни замон низоми бонкӣ барои ҷалби бештари сармояҳои дохилию хориҷӣ ва васеъ намудани дастрасии қарзҳои дарозмуддат ба соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ тамоми имкониятҳоро истифода намуда истодааст. Дар аввали соли 2011 ҷараёни рушди пешниҳоди маблағҳои қарзӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ афзоиши мӯътадилро нишон додааст.<br>Ҳамзамон барои рушди соҳаи сохтмон ва зиёд намудани ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат дар ҷумҳурӣ андешидани тадбирҳо ба монанди: аз ҷониби мақомоти дахлдор муҳайё намудани шароити мусоид барои фаъолияти ширкатҳои сохтмонии ватанӣ, кам намудани боҷи гумрукӣ ва ҷорӣ намудани низоми мувофиқи андозӣ ҷиҳати ворид намудани таҷҳизот ва технологияҳои муосир барои афзоиши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар кишвар, фароҳам овардани шароит барои ширкатҳои ватанию хориҷӣ оид ба ҷалби бештари сармоягузориҳо пешниҳод карда мешавад. | |
| Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба ислоҳоти татбиқшудаистода дар байни соҳибкорони ноҳияҳои дурдаст. | Мунтазам | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Дар ин самт аз ҷониби Ассосиатсияҳои соҳибкорӣ, баъзе аз аъзоёни Шӯро аз ҷониби бахши хусусӣ дар ҳамкорӣ бо Котиботи Шӯро ва шарикони рушд дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ семинару вохӯриҳо гузаронида шудааст. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ҷиҳати ҷалби таваҷҷӯҳи сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба ин минтақаҳо, рӯзҳои 11 ва 12 октябри соли гузашта дар вилояти Суғд Конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзӯи «Нерӯи сармоягузории вилояти Суғд» ва рӯзҳои 24 ва 25 октябри соли гузашта дар вилояти Хатлон нахустин Конфронси байналмилалии иқтисодӣ дар мавзӯи «Имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди вилояти Хатлон» бо дастгирии шарикони рушд баргузор гардиданд.<br>Дар самти корҳои фаҳмондадиҳӣ бо соҳибкорон корҳои муайяне анҷом дода шуданд. Аз ҷумла дар таърихи 1-уми феврали соли ҷорӣ дар маркази вилояти Хатлон шаҳри Қӯрғонтеппа ва 2 феврал дар шаҳри Кӯлоб мулоқоти созандаи роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, намояндагони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо соҳибкорон, роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкороне, ки дар соли 2013 корхонаҳои саноатӣ таъсис медиҳанд, баргузор гардид.<br>Дар вохӯриҳои зикргардида оид ба масъалаҳои роҳандозии тиҷорат, робитаи соҳибкорону тоҷирон бо бонкҳо, бунёди корхонаҳои хурду бузург, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин дар масъалаи воридоти таҷҳизотҳои муосири коркарди меваю сабзавот ва дигар маҳсулоти саноатӣ мубодилаи афкор сурат гирифт. | |
| **Қарорҳои протоколии ҷаласаи ҳаштуми Шӯрои машваратӣ аз 08 ноябри соли 2011** | | | |
| Вазорату идораҳои марбута иҷрои пурра, саривақтӣ ва босифати қарорҳои Шӯроро таъмин намоянд. | Мунтазам | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Мунтазам ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро дар вазорату идораҳои дахлдор гузаронида шуда, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Дар сурати зарурат маҷлисҳои байниҷаласавӣ оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро дар назди Сарвазири мамлакат гузаронида мешавад.<br>Аз вазорату идораҳои марбута маълумоти зарурӣ оид ба иҷрои қарорҳои Шӯо қабул карда шудааст ва ҷамъбаст карда мешавад. | |
| Шӯъбаҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонунҳои аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати андозбандии амалиётҳои лизингӣ | Як моҳ | ***Иҷро шудааст.***<br>Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №585 лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| пешниҳодгардидаро ба баррасии ҷаласаи навбатии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд. | | Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Қонунҳои зикргардида аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, аз ҷониби Президенти мамлакат ба мизо расиданд. | |
| Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷояги бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд:<br>- лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи истифодаи қаъри замин», лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ»-ро таҳия намуда, ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намоянд;<br>- таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи воқеии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир намуда, натиҷаҳои онро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ манзур намоянд. | Нимаи аввали соли 2012 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>Аз ҷониби гурӯҳи кории назди Кумита, лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ва “Дар бораи истифодаи қаъри замин”, барномаи “Ҷолибгардонии сармоягузории истифодаи қаъри замин” таҳия ва қабул гардиданд.<br>Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ба ҷаласаи даҳуми Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шуд.<br>Айни замон корҳо ҷиҳати татбиқи босамари қонуни мазкур идома доранд. Аз ҷумла лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи Мақоми ваколатдори шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Дар бораи Муассисиаи давлатии Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таҳия гардида баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои марбута ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.<br>Ҳамчунин дар назди Кумита гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар таҳрири нав таъсис дода шуда, фаъолит дорад. Лоиҳаи қонуни мазкур тибқи қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ дар соли 2013 қабул карда мешавад.<br>Таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи воқеии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мунтазам доир карда шуда, тавсияҳои он дар ҷаласаҳои Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. | |
| Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи Кодекси нави андоз дар ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ оид ба ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз ахбороти муфассал пешниҳод намояд. | Нимаи аввали соли 2012 | ***Иҷро шудааст.***<br>Дар ҷаласаи 9-уми Шӯро Ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав шунида шуд. Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таҳлилҳои амиқ гузаронида, барои осон намудани мушкилоти соҳибкорон ва баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ чораҳои муассир андешиданд ва дар ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратӣ ҳисоботи муфассал пешниҳод намоянд. | Доимӣ | ***Иҷро шудааст.***<br>Дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон оид фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ахбороти муфассал пешниҳод намуд.<br>Аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯро ба роҳбарияти вилояти Хатлон супоришҳои мушаххас дода шуд, ки дар Протоколи ҷаласа дарҷ гардидааст.<br>Дар ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар таърихи 19 октябри соли 2012, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд оид фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ахбороти муфассал пешниҳод намуд.<br>Аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯро ба роҳбарияти вилояти Суғд супоришҳои мушаххас дода шуд, ки дар Протоколи ҷаласаи 10-уми Шӯро дарҷ гардидааст.<br>Дар ҷаласаи 11-уми Шӯро ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ оид фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ба нақша гирифта шудааст. | |
| Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>- ба таври фаврӣ масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти баъзе навъҳои нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ва тухмиҳои хушсифатро омӯхта, лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқиро тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;<br>- якҷо бо вазорати мелиоратсия ва захираҳои об, Академияи илмҳои | Семоҳаи аввали соли 2012 | ***Қисман иҷро шудааст.***<br>Аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти баъзе навъҳои нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ва тухмиҳои хушсифат таҳия карда шуда, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.<br>Вале то ҳол аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ қарорҳои дахлдор қабул карда нашудааст.<br>Тибқи супориши навбатии Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯро дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ, чунин тағйироту иловаҳо бояд ба таври комплексӣ дар лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба инобат гирифта шаванд.<br>Вале, тағйиротҳои зерин дар лоиҳаи Кодекс ба назар гирифта нашудааст. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| кишоварзӣ ва пажуҳишгоҳҳои соҳавӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сармоягузорон барои ба роҳ мондани технологияҳои муосири кишоварзӣ, аз ҷумла технологияҳои каммасрафи таъмини об, тухмиҳои хушсифат, нигаҳдории хуби замин ва ҳолати мелиоративии он ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ чораҳои мушаххас андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намояд. | | Пешниҳодоти Вазорати кишоварзӣ дар бораи ба роҳ мондани технологияҳои муосири кишоварзӣ, аз ҷумла технологияҳои каммасрафи таъмини об, тухмиҳои хушсифат, нигаҳдории хуби замин ва ҳолати мелиоративии он ва баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шудааст. | |
| Вазоратҳои мелиоратсия ва захираҳои об, кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо барои гирифтани пеши роҳи партовшавии заминҳои корам чорабиниҳои мушаххас андешида, ҷиҳати таъмини сифати корҳои сохтмонӣ ва барқарорсозии иншоотҳои ирригатсионӣ, тибқи лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда чораҳои муассир андешанд ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намоянд. | Семоҳаи аввали соли 2012 | ***Иҷро шудааст.***<br><br>Маълумоти муфассал таҳия гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст. | |
| Вазорати молия, Бонки миллӣ ва дигар сохторҳои марбута, ҷиҳати ҳалли мушкилоти дастрас намудани қарзҳои дарозмуддат барои рушди соҳаи кишоварзӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас манзур намоянд. | Семоҳаи аввали соли 2012 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Бонки миллӣ айни замон низоми бонкӣ барои ҷалби бештари сармояҳои дохилию хориҷӣ ва васеъ намудани дастрасии қарзҳои дарозмуддат ба соҳаи кишоварзӣ аз тамоми имкониятҳои худ истифода мебарад.<br>Дар ин раванд Бонки миллӣ бо Бонки рушди Хитой ҳамкорӣ дошта, захираҳои қарзиро барои рушди соҳаи кишоварзӣ ҷалб менамояд, ки онҳо ба воситаи бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ мегарданд.<br>Бонки миллӣ пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур бояд | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | имтиёзҳои андозӣ дода шуда, пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ зиёд карда шавад. | |
| Иштироки роҳбарони аввали вазорату идораҳои бахши иқтисодии ҷумҳурӣ ба ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратӣ таъмин карда шавад. | Нимаи аввали соли 2012 | ***Мавриди иҷрои доимӣ қарор дода шудааст.***<br>Дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ роҳбарони аввали вазорату идораҳои бахши иқтисодӣ ба ҳайси нозир даъват кара мешаванд. | |
| **Қарорҳои протоколии ҷаласаи нуҳуми Шӯрои машваратӣ аз 10 апрели соли 2012** | | | |
| 1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андозро бори дигар таҷдиди назар карда, таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагон, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалиро ҳангоми такмили он ба инобат гирад.<br>Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба таъсири манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад. | Дар давоми се моҳ | ***Иҷро шудааст.***<br>Бо мақсади иҷрои банди мазкур корҳои муайян ба сомон расонида шудааст. Аз ҷумла, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ як қатор вохӯриву мулоқотҳоро бо намояндагони соҳибкорони мамлакат доир намуда, фикру мулоҳизаҳои онҳоро ба Комиссияи давлатӣ пешниҳод намуд. Инчунин вохӯрии якҷояи соҳибкорон, намояндагони Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав ва Кумитаи андоз гузаронида шуда, дар он низ фикру андешаҳои соҳибкорон шунида шуданд.<br>Тибқи супориши протоколии ҷаласаи васеи кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2012, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вобаста ба таъсири лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ба рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ таҳлил гузаронида шуд ва натиҷаҳои он ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудааст.<br>Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шуд. | |
| 2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд оид ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва | Ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод карда шавад. | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>Бо мақсади иҷрои банди зикргардида дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва дастрасӣ ба мамлакат таъсис дода шуда, фаъолияти худро идома дода истодааст. Аз ҷониби гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон, рушди бахши | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, таҳлилҳо гузаронида натиҷаи онро ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намояд. | | сайёҳӣ ва дастрасӣ ба мамлакат таҳлилҳо гузаронида натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешавад. Вобаста ба бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, ислоҳот идома дода мешавад. | |
| 3. Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷараёни иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратиро таҳти назорати доимӣ гирифта, мониторинги иҷрои қарорҳо ва дар ҳолати зарурат натиҷагирии онро дар назди Сарвазири мамлакат давом диҳад. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>Аз ҷониби Котиботи Шӯро монитиронги иҷои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро мунтазам гузаронида шуда, натиҷаҳои он ба Котиби масъули Шӯро пешниҳод карда мешавад.<br>Аз ҷумла, айни замон мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои 9-ум ва 10-уми Шӯро натиҷагирӣ карда шуда, ба ҷаласаи 11-уми Шӯро пешниҳод карда мешавад. | |
| 4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои хурду миёна дар қаламрави вилоят хусусан минтақаҳои дурдасту кӯҳии он, дар соҳаҳои саноат, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот, коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, чорводорӣ ва паррандапарварӣ, саноати коркарди гӯшту шир, бахши сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт нақша-чорабиниҳои мушаххас таҳия намуда, афзоиши назарраси таъсиси корхонаҳои саноатиро дар вилоят таъмин намояд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, ки ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ирсол карда шудааст, дар вилоят ҷиҳати рушди соҳаи саноат, дар асоси таклифҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, дар назар аст, ки дар солҳои 2012-2013 -157 адад корхонаҳои хурд ва коргоҳҳои нави замонавӣ бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Дар чор моҳи соли ҷорӣ дар вилоят 23 адад корхонаҳои хурд ва коргоҳҳои нави саноатӣ таъсис дода шудааст.<br>Бояд қайд намуд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят диққати асосии худро барои ҳарчӣ бештар дар ноҳияҳои кӯҳистон бунёд гардидани корхонаҳои хурд ва коргоҳҳои нав равона намуда, пешбинӣ мешавад, ки дар солҳои 2012-2013 дар ноҳияҳои Ховалинг -6 адад, Мӯъминобод -7 адад, Балҷувон -4 адад, Темурмалик -8 адад ва Шурообод -11 адад бо ҷалби соҳибкорони ватанӣ корхонаҳои саноатии хурд дар самти коркарди мева ва маҳсулоти чорводорӣ бунёд гарданд.<br>Ҳамзамон барои истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар ноҳияҳои Шурообод, Ҳамадонӣ, Фархор, Қумсангир, Қубодиён ва Ҷиликул бо дастгирии Барномаи | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Рушди Созмони Милали Муттаҳид таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии миёнамӯҳлат ба анҷом расонида шуд.<br>Ҳамчунин Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Н. Хусрав барои солҳои 2012-2015 тасдиқ гардида, тибқи муқаррарот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида, дар шаҳри Норак таҳияи Барнома идома дорад.<br>Барои рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармояи маҳаллӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти вилоят тамоми шароитҳо фароҳам оварда шуда, Шӯрои машваратии назди раиси вилоят оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ фаъолият намуда истодааст. Дар доираи Шӯрои машваратӣ гурӯҳҳои корӣ вобаста ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла коркарди меваю сабзавот, таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои бунёди корхонаҳои саноатӣ таҳлилу омӯзишҳо гузаронида истодаанд. | |
| 5. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон вазъи кунунии минтақаҳои озоди иқтисодиии «Панҷ» ва «Данғара»-ро пурра таҳлил намуда, барои фаъолияти пурсамари онҳо, аз ҷумла рушди савдои байнисарҳадӣ чораҳои муассир андешад ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шашмоҳа ахборот диҳад. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>***Ахборот оид ба фаъолияти Маъмурияти МОИ “Панҷ”***<br>Маъмурият ҷиҳати ташаккулёбӣ ва рушди минтақаи озоди иқтисодӣ дар нимсолаи якуми соли 2012 корҳои назаррасеро ба анҷом расонида бо мақсади ҳамкорӣ бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва соҳибкорони ватанӣ вохӯрӣ ва гуфтушунидҳо ташкил намудааст.<br>Дар ин ҷода Маъмурияти МОИ “Панҷ” бо намояндагони мамлакатҳои хориҷӣ ва соҳибкорони дохилӣ бо сарварии Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон (САҲА) дар ҳудуди минтақа вохӯрӣ ва мулоқотҳо ҷиҳати ҳамкорӣ гузаронидааст.<br>Инчунин, дар давоми соли ҷорӣ соҳибкорон, намояндагони аҳли (доираҳои) тиҷоратии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Покистон, Ҷумҳурии Лаҳистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Сафири Ҷумҳурии Белоруссия, намояндагони Бонки ҷаҳонӣ, Бонки миллии ҷумҳурӣ ва дигарон ба минтақа ташриф намуда оиди ҷалби сармоягузорӣ, ташкили корхонаҳо мулоқотҳо гузаронидаанд.<br>Вобаста ба вусъатдиҳӣ, паҳнсозии маълумот ва ҷалби сармоягузорон Маъмурият бо дастгирии Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон (САҲА) сомонаи интернетиро таҷдид намуд ва маҷаллаҳоро оид ба имконияти сармоягузорӣ дар минтақа омода кард.<br>Дар муддати 3 соли сипаришуда муайян гардидааст, ки бе таъмини инфрасохтори аввалиндараҷа (роҳ, хати барқ, хати обу ташноб, деворҳои иҳотакунандаи гирду атроф) ҷалби сармоягузорон ба минтақа ғайриимкон мебошад. Бо мақсади ҳалли ин масъала аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буҷети ҷумҳурӣ 300 ҳаз.сомонӣ барои соли 2011 ва 300 ҳаз. сомонӣ барои соли 2012 ҷудо гардидааст, ки ин маблағ хело ночиз аст.<br>Инчунин, мутобиқи Созишномаи байниҳукуматӣ оиди қарзи имтиёзноки | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Лаҳистон бо мақсади сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ” ба маблағи 5 млн. дол.америкоӣ пешбинӣ гардида шудааст.<br>Дар ин давра дар МОИ “Панҷ” 6 ширкат ҳамчун субъект ба қайд гирифта шуда, сармоягузории пешбинишудаи онҳо мутобиқи бизнес – нақшаҳо 19,5 млн дол. ИМА-ро ташкил менамояд.<br>Айни ҳол ба 6 субъекти минтақа 18,7 га. қитъаи замин ба иҷора дода шудааст.<br>Маъмурият то имрӯз аз ҳисоби даромадҳои худ ва инчунин маблағҳои ҷудокардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро амалӣ намудааст:<br>1) -таҳияи Нақшаи кулли тарҳкашӣ (Генплан) ва топографӣ;<br>-лоиҳаи сохтмони хатти об, лоиҳаҳои пойгоҳи обкашӣ ва пойгоҳи обтакшинкунӣ - ба маблағи 300 ҳазор сомонӣ аз худ карда шудаанд.<br>2) Корҳои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа;<br>-сохтмони хатти об бо дарозии 2510 метр ва Пойгоҳи муваққатии обкашӣ ба маблағи 327,7 ҳозор сомонӣ корҳо иҷро карда шудаанд.<br>-сохтмони деворбандии атрофи минтақа бо дарозии 700 метр ба маблағи 207,2 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро карда шудаанд.<br>3) таъмири бинои Маъмурият ва сохтмони хатти барқи дохилии минтақа – ба маблағи 34,5 ҳазор сомонӣ.<br>Маблағи умумии корҳои сохтмонӣ ва лоиҳакашӣ ба 01.07.2012 ба 869,4 ҳазор сомонӣ баробар мебошад.<br>Дар нимсолаи якуми соли 2012 ширкати «Сантехника -сервис» ҳамчун субеъкт дар минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ” ба қайд гирифа шуд.<br>1) Ширкати «Сантехника - сервис» дар давоми фаъолияташ ба маблағи 224,1 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ва васлкуниро иҷро намудааст.<br>2) Ширкати «АНВАТ-СЕРВИС» дар нимсолаи якуми соли 2012 фаъолияташро аз сохтмони бинои тарозу барои хизматрасонии нақлиётӣ оғоз намуда, корҳои сохтмониро ба маблағи 95,2 ҳазор сомонӣ иҷро намуда, сохтмони бинои мазкур ба истифода дода шуд.<br>***Ахборот оид ба фаъолияти Маъмурияти МОИ “Данғара”***<br>Дар шаш моҳи соли ҷорӣ бо мақсади амалӣ намудани самтҳои асосӣ, инфрасохтори аввалиндараҷа ва тибқи Нақшаи чорабиниҳои Маъмурият барои солҳои 2011-2013 якчанд корҳои аввалиндараҷаро ба анҷом расонид.<br>Аз ҷумла:<br>Бо мақсади ташкили инфрасохтори аввалиндараҷа дар ҳамбастагӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳисоби Фурӯдгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе ва лоиҳаҳои инвеститсионие, ки мӯҳлати лоиҳаҳояшон ба итмом расидаанд воситаҳои нақлиёти сабукрав, техникаи кишоварзӣ ва таҷҳизотҳои техникӣ ҷудо гардид, ки айни замон дар истифодаи Маъмурият қарор дорад.<br>То ба имрӯз, ба Маъмурият 14 довталаб муроҷиат намуда, 2-тои онҳо ҶДММ “Ю и Ф - сервис” ва ҶДММ “Космос” ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Маъмурият дар ҷодаи ташкили корхонаҳо ва ҷалб намудани сармояҳои пулӣ ва технологияҳои ҳозиразамон бо ширкатҳои дохилию хориҷӣ гуфтушунидҳо намуда истодааст. Аз ҷумла:<br>1. Заводи сементбарорӣ, аз ҷониби - Ҷумҳурии Исломии Эрон;<br>2. Корхона оиди тайёр намудани хӯрок барои чорво ва паррандапарварӣ - Ҷумҳурии Исломии Эрон;<br>3. Корхонаи хурди собунбарорӣ, аз ҷониби - соҳибкори ватанӣ;<br>4. Заводи истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ, аз ҷониби -Ҷумҳурии халқии Хитой;<br>5. Ташкили Маркази логистикӣ ва базаи нигоҳдорӣ барои интиқоли маҳсулот ба Ҷумҳурии исломии Афғонистон, аз ҷониби Федератсияи Россия;<br>6. Ҷойгир кардани истгоҳҳои барқии офтобӣ, аз ҷониби кишварҳои Израил ва Ҳолланд;<br>7. Заводи истеҳсоли шакар, аз ҷониби - Ҷумҳурии Лаҳистон;<br>8. Корхонаи саноати сабук, аз ҷониби - Ҷумҳурии Покистон;<br>9. Сохтмони заводи итеҳсоли ҳисобкунакҳои барқӣ, аз ҷониби – Ҷумҳурии Исломии Эрон;<br>10. Сохтмони заводи ордбарорӣ, аз ҷониби - Ҷумҳурии Қазоқистон;<br>Дар назар аст, ки дар амалӣ гардидани ин ҳамкориҳо, тибқи бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои афзалиятнок ба минтақа зиёда аз 100 миллион доллари ИМА ворид гардад.<br>Ин амали нек, барои коркарди саноати сабук, коркарди меваҷот, сохтмони корхонаи коркарди нафт, истифодаи оқилонаи роҳи оҳан, нуқтаҳои тиҷоратӣ, иҷтимоию фарҳангӣ равона карда мешаванд ва аз ҳисоби ин лоиҳаҳои мазкур, ҷалби мутахассисони ноҳия ва вилоят дар назар дошта шудааст, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи даромаднокии аҳолии ноҳия, вилоят ва рафти иҷрои барномаҳои қабулгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбии худро хоҳад расонид.<br>Маъмурият барои ҷалби сармоягузорон зиёда аз 21 лоиҳаҳои инвестисиони омода намуда, бо тариқи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони дипломатии давлатҳо ва ташкилотҳои байналмиллалии дар Тоҷикистон буда ирсол намуд.<br>Дар ин равия, бо пешниҳоди намояндагии сафоратхонаи Ҷумҳурии Лаҳистон дар шаҳри Тошкенти Узбекистон рӯзи 21 июни соли 2012 дар ноҳияи Данғара бо иштироки Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Данғара, соҳибкорони вилояти Хатлон ва ҷумҳурӣ “Рӯзи дари кушода” семинар машварат гузаронида шуд.<br>Мақсади асосии гузаронидани семинар ин ҷалби сармоягузорони Лаҳистон ва соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати ҳамкорӣ дар МОИ “Данғара ва хоҷагиҳои ноҳияи Данғара ва хоҷагиҳои вилояти Хатлон мебошад.<br>Маъмурият дар ҷоддаи он, ки вазъи минтақа ба талаботҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад барои таҳлил гузаронидан, бо Ширкати содиротии башардӯстонаи SES–и Олмон оид ба омода намудани бизнес- нақшаҳои сармоягузорӣ ва барномаи рушди минтақа гуфтушинидҳо гузаронид. Дар натиҷа аз ҷониби Ширкати мазкур як гурӯҳ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | мутахассисон ба минтақа ташриф оварда аз вазъи минтақа ҷиҳати ҳамкорӣ шиносоӣ намуданд.<br>Маъмурият дар ҳамбастагӣ бо Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷонок намудани пешбурди кори минтақа бо ташкилоти ғайридавлатии ВСО шартномаи дуҷониба барои ҳамкорӣ намудан ба имзо расонид. Барои вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақаро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудан аз ҷониби ин ташкилот, аз 17 апрели соли 2012 валантёр аз Англия даъват гардид, ки дар давраи ду моҳи кории ин валантёр веб-сайти минтақа ташкил карда шуд.<br>Маъмурият аз ҳисоби 800,0 ҳазор сомонӣ маблағи пешбинишудаи буҷетӣ соли 2012 ва истифода аз пардохтҳои оянда ба масофаи зиёда аз 4 км. хатти оби нӯшокиро бо лӯлаҳои пластикии диаметраш 225мм ба минтақа гузаронид.<br>Айни замон Маъмурият бо Дирексияи сохтмони иншоотҳои ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои сохтмони бинои Маъмурият ва маҳкам намудани гирду атрофи минтақаро омода намуда, барои дастур ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Дар ин раванд Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 апрели соли 2012 №АП-1922 ба маблағи 3,0 миллион сомонӣ оид ба бунёди иншооти аввалиндараҷаи инфрасохтори минтақа ба имзо расидааст.<br>Айни замон, аз ҷониби Дирексия корҳои техникии сохтмони бинои Маъмурият ва марҳилаи аввали маҳкам кардани гирду атрофи минтақа ба итмом расида истодааст.<br>Мушкилии асосие, ки дар пеши роҳи минтақа истодааст ин норасогии маблағгузории инфрасохтори аввалиндараҷа, аз ҷумла: гузаронидани хати барқ ва об, маҳкам намудани гирду атрофи минтақа, нақшаи кулл ва ворид намудани хатти оҳан ба дохили минтақа мебошад, ки бе дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ғайри имкон мебошад. | |
| 6. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута, соҳибкорон, муассисаҳои таълимоти касбӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидани иқтидори касбии соҳибкорон, таъсиси марказҳои бозомӯзии соҳибкорон ва таъмини фаъолияти самараноки онҳо чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳар шашмоҳа ахборот манзур намоянд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Айни замон, таваҷҷӯҳи аксарияти роҳбарони ҳукуматҳои маҳаллӣ барои рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ афзуда истодааст.<br>Дар вилояти Хатлон Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории вилоят таъсис дода шуд. Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят марказ бо бинои корӣ таъмин гардида, фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Дар қатори вилоятҳо дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ таъсис дода шудааст. Аз ҷумла, бо дастгирии шарикони рушд дар ноҳияи Фархор, шаҳрҳои Истаравшан, Исфара, Панҷакентва водии Рашт ташкил карда шуданд<br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб тасмим гирифтааст, ки Шӯрои машваратиии назди Раиси шаҳрро оид ба беҳтар | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таъсис диҳад. | |
| 7. Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд масъалаҳои дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ баррасишавандаро бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамоҳанг намоянд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Котиботи Шӯро якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо шӯроҳои минтақавӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Хатлону Суғд ҳамкориҳои зичро ба роҳ мондааст. Мавзӯҳои дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ баррасишаванда бо Котиботи Шӯро ҳамоҳанг карда мешаванд. Аз ҷумла, дар таърихи 6 ва 27 апрели соли 2012 ҷаласаи Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд доир гардид, ки дар он гузориши гурӯҳи корӣ оид ба иҷрои «Барномаи давлатии афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2010-2012 ва стратегияи рушди он дар вилоят» (дар самти истеҳсоли меваю сабзавот) мавриди баррасӣ қарор дода шуд.<br>Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон то инҷониб се ҷаласаи худро доир намуда, дар доираи фаъолияти Шӯро гурӯҳҳои кории зерин таъсис дода шуданд:<br>• Гурӯҳи корӣ оид ба пешниҳоди таклифҳо доир ба ташкили корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар ин самт.<br>• Гурӯҳи корӣ оид ба таҳлили масъалаҳои ҷамъоварии андозҳо ва ҳисоботдиҳии оморӣ.<br>• Гурӯҳи корӣ оид ба таҳлили идоракунии масъалаҳои обёрӣ ва пардохти саривақтии ҳаққи истифодаи об.<br>Дар ин давра гурӯҳҳои корӣ 6 ҷаласаҳои корӣ гузаронида, масъалаҳои дахлдорро таҳлил ва муҳокима намуда тавсияҳоро ба ҷаласаи Шӯрои машваратӣ барои баррасӣ пешниҳод карданд.<br>Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ чор ҷаласа доир намуда, дар онҳо масъалаҳои зерин баррасӣ карда шуданд:<br>1.Оид ба нақша чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мулоқоти Президенти мамлакат бо соҳибкорони ҷумҳурӣ за 15 январи соли 2010.<br>2. Муносибатҳои иқтисодӣ ва проблемаҳои ҷойдошта дар рафту | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | омад бо Ҷумҳурии Халқии Хитой.<br>2.Савдои байни сарҳадӣ яке аз омилҳои рушди муносибатҳои минтақавӣ.<br>3. Ҳолат ва мушкилоти қарздиҳӣ барои соҳаи соҳибкорӣ.<br>4.Таклифу пешниҳодот ба лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав.<br>Илова ба ин, дар моҳи майи соли сипаригашта вохӯрии Раиси вилоят бо соҳибкорони вилоят баргузор гардида, дар он зиёда аз 100 нафар соҳибкорон ширкат варзиданд. | |
| 8. Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ чараёниислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла қарорҳои қабулнамудаи Шӯро ва ҷараёни иҷрои онҳоро тавассути васоити ахбори омма ба таври васеъ инъикос намояд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷиҳати инъикоси ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ тавассути васоити ахбори омма ба таври васеъ корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намуда истодааст. Аз ҷумла аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ дар рӯзномаи “Азия Плюс”ва маҷаллаи “Бонкдорӣ” мақолаҳо оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва ҷараёни ислоҳот ба нашр расонида шуд. Инчунин ба дигар васоити ахбори оммаи давлативу хусусӣ, ВАО-и электронӣ иттилоот пешниҳод карда шудааст.<br>Илова бар ин, аз ҷониби Котиботи Шӯро ҳармоҳа Бюлетен бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он таҳия гардида, ба шарикон, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ирсол карда мешавад. Инчунин сомонаи интернетии Шӯрои машваратӣ фаъол аст ва дар он иттилооти зарурӣ ба шарикон пешниҳод карда мешавад.<br>Ҳамзамон, пас аз ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки дар таърихи 19 октябри соли 2012 доир гардид, Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиев З. тавассути ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ оид ба масъалаҳои дар ҷаласа барарсигардида ва аҳамияти онҳо барои рушди иқтисодиии ҷумҳурӣ мусоҳиба анҷом дод.<br>Рӯзи 5 феврали соли 2013, дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, мизи мудаввар дар мавзӯи **«Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ»** баргузор гардид.<br>Дар мизи мудаввар дастовардҳои Шӯрои машваратиро дар соли 2012 ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти онро барои соли 2013 муаррифӣ гардиданд. Ҷараёни кори мизи мудаввар тавассути ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ ва рӯзномаҳои даврӣ инъикос карда шуданд.<br>Ҷараёни иҷрои банди зикргардидаи Протоколи ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад. | |
| 9. Аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фаъолияти пурсамар намуда, ба соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намоянд ва аз натиҷааш дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахборот пешниҳод намоянд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Котиботи Шӯрои машваратӣ бо аъзоёни Шӯро аз ҷониби бахши хусусӣ ҳамкориҳои зич дошта, ба онҳо тавсия дода мешавад, ки оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар минтақаҳои худ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намоянд. Аз ҷумла чунин корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби Ассосиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон, Иттифоқи ассосиатсияҳои соҳибкории вилояти Суғд, Маркази ҳамоҳангсозии ассоситсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон ва дигар созмонҳои соҳибкорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуда истодаанд.<br>Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон (Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон Фарҳод Акбаров айни замон аъзои Шӯрои машваратӣ мебошад) мунтазам бо аъзоёни худ ва мизоҷони онҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар вохӯриҳои иттилоотиро бо мақсади фаҳмондадиҳӣ ва равшанӣ андохтани масъалаҳои маблағгузории хурд, фаъолияти худи Ассосиатсия ва рушди бахши хусусӣ, инчунин оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна, мегузаронад. Дар моҳҳои май ва июни соли ҷорӣ дар вилоятҳои Хатлону Суғд маҷлисҳои минтақавии аъзоёни Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон бо иштироки намояндагони мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми ташкилотҳои молиявию қарзие, ки дар ҳамин минтақаҳо фаъолият менамоянд, | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | гузаронида шуд.<br>Ба иштирокчиёни маҷлисҳои минтақавии зикргардида иттилооти дахлдор оид ба тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷорие, ки фаъолияти онҳоро ба танзим медароранд аз ҷумла Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблаггузории хурд» пешниҳод карда шуд. Ба иштирокчиён оид ба фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои қонунҳои таҳияшаванда, аз ҷумла «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва «Дар бораи санчиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» иттилоот пешнҳод карда шуданд.<br>Инчунин аз тарафи Ассосиатсия дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ зиёда аз 2000 нафар деҳқонони вилояти Хатлон дар доираи омӯзиши молиявии аҳолӣ дар бахшҳои махсус омӯзонида шуданд. Дар омӯзишҳои мазкур низ ба деҳқонон оид ба ислоҳоти иқтисодии амалишавандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ислоҳоте, ки тавассути Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ гузаронида мешавад, маълумоти муфассал пешниҳод гардид.<br>Оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ дар ҳар як ҷаласаи Шӯрои машваратӣ намояндаи бахши хусусӣ гузориши муфассал манзур менамояд. Вале, бояд зикр намуд, ки на ҳамаи аъзоёни Шӯро вобаста ба масъалаи мазкур фаъолияти пурсамар доранд.<br>Айни замон, аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ идома дорад ва дар мӯҳлатҳои муайяншуда маълумоти муфассал пешниҳод карда мешавад. | |
| 10. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахбороти Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар | То ҷаласаи 10-уми Шӯро | ***Иҷро шуд.***<br>Тибқи супориши протоколии ҷаласаҳои Шӯро дар ҷаласаи 9-уми Шӯро гузориши Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудни фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон шунида шуд. Дар ҷаласаи 10-уми Шӯро гузориши Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудни | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд пешниҳод карда шавад. | | фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд шунида шуд. Аз ҷониби Президенти мамлакат ба роҳбарияти вилояти Суғд супоришҳои мушаххас дода шуд.<br>Инчунин дар ҷаласаи 11-уми Шӯро гузориши Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудни фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ шунида хоҳад шуд. | |
| 11. Ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд тавсия дода мешавад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои хурдро бо фоизҳои паст ба занҳои соҳибкор зиёд намоянд. | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Ассосиатсяи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, ҳавасмандкунонии паст намудани фоизҳои қарзии аз тарафи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар фаъолияти Ассосиатсияи маблағгузории хурди Тоҷикистон масъалаи афзалиятноктарин мебошад. Фаъолияти Ассосиатсия дар ин раванд бо чанд намуд механизмҳо амалӣ мегардад:<br>- Ассосиатсия яке аз аъзоёни фаъоли Гуруҳи корӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба дастрасӣ ба маблағгузорӣ» мебошад. Гуруҳи кории мазкур  аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ дастгирӣ карда мешавад. Мақсади гурӯҳи корӣ ин коркарди механизмҳо мебошад, ки метавонад дастрасии соҳибкоронро ба маблағгузорӣ хусусан дар минтақаҳои дурдаст васеъ намояд.<br>- Аз тарафи аъзоёни Ассосиатсия Кодекси одоби корӣ қабул гардид, ки он дар худ принсипҳои ҳимояи қарзгирандагонро, ки аз тарафи гурӯҳи умумиҷаҳонӣ оид ба маблағгузории хурд «Смарт-ширкатҳо» таҳия гаштааст, дарбар мегирад. Дар ин раванд яке аз нишондодҳо чӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва чӣ миёни қарзгирандагон, нишондоди гендерӣ мебошад.<br>Мавриди зикр аст, ки ки айни замон аз ҳаҷми умумии қарзгирандагони ташкилотҳои маблаггузории хурд 35%-и онро занон ташкил медиҳанд.<br>Мувофиқи ҳисоботи пешниҳодгардидаи бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ дар шаш моҳи соли равон аз ҷониби бонкҳои аъзоёни Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон (10 бонк)  ба занони соҳибкор ба маблағи  186,4 миллион сомонӣ қарз пешниҳод карда шудааст. | |
| **Қарорҳои протоколии ҷаласаи даҳуми Шӯрои машваратӣ аз 19 октябри соли 2012** | | | |
| 1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои барномаҳои | Доимӣ | ***Мунтазам мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Масъалаи мазкур ҳамеша мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҳамкорӣ бо шарикони рушди Тоҷикистон ҷудо намудани маблағҳоро ҷиҳати рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла воридоти технологияи муосир ва таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба инобат гирад. | | | |
| 2. Котиби масъули Шӯро ва Котиботи Шӯро ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро тахти назорат гирифта, ҷиҳати татбиқи пурра ва босамари онҳо чораҳои муассир андешанд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.*** Аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мониторонги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро мунтазам гузаронида шуда, натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои Шӯро пешниҳод карда мешавад. Айни замон, тибқи Барқияномаи Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷараёни иҷрои бандҳои Протоколи ҷаласаи 10-уми Шӯро маълумотҳо дастрас шуда, ҷамъбаст гардида истодаанд. Инчунин ахбороти Котиби масъули Шӯро оид ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро таҳия гардида, дар ҷаласаи 11-уми Шӯрои сармоягузорӣ, ки доир гардидани он дар таърихи 30 апрели соли 2013 ба нақша гирифта шудааст, пешниҳод мегардад. | |
| 3. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>- оид ба татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» тибқи нақша-чорабиниҳои таҳиягардида чораҳои муассир андешад;<br>- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири навро бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>- Бо мақсади татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» тибқи нақшаи чорабиниҳо корҳо идома доранд. Аз ҷумла лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи Мақоми ваколатдори шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Дар бораи Муассисиаи давлатии Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таҳия гардида, баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои марбута ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.<br>- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири нав такмил дода шудааст ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 қабул карда мешавад. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| такмил дода, тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.<br>- якҷо бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд бо ҷалби коршиносони соҳа оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳлил гузаронида, натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод гардад;<br>- якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои марбута оид ба масъалаи ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бовиҷдон тадбирҳо андешида, корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ ва семинарҳои бозомӯзӣ баҳри баланд бардоштани маърифати андозсупории соҳибкорон доир намояд ва ҷараёни мазкур тариқи васоити ахбори омма ба таври васеъ инъикос карда шавад. | | - бо қарори Раиси Кумита гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд ва коршиносони соҳа оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таъсис дода шудаст. Гурӯҳи корӣ таҳлили соҳаро гузаронида натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод карда мешавад.<br>- аз ҷониби Кумита дар ҳамкорӣ бо ассосиатсияҳои соҳибкорӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бовиҷдон гузаронида мешавад. Аз ҷумла дар таърихи 1-уми феврали соли ҷорӣ дар маркази вилояти Хатлон шаҳри Қӯрғонтеппа ва 2 феврал дар шаҳри Кӯлоб мулоқоти созандаи роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, намояндагони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо соҳибкорон, роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкороне, ки дар соли 2013 корхонаҳои саноатӣ таъсис медиҳанд, баргузор гардид.<br>Бо мақсади ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бовиҷдон аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба муайян намудани андозсупорандагони беҳтарин таъсис дода шудааст, ки ҳарсола андозсупрандагони беҳтаринро муайян менамояд.<br>Шакли дигари ҳавасмандкунии андозсупорадагони фаъолу бовиҷдон ин сарфа намудани вақти онҳо мебошад, ки вобаста ба ин аз ҷониби мақомоти андоз барномаи компютерии «Модули утоқи шахсии андозсупоранда бо низоми электронии эъломиякунонӣ» таҳия гардида, андозсупорандагон метавонанд ба мақомоти андоз ташриф наоварда ҳисоботи худро пешниҳод намоянд. Айни замон тақрибан 800 корхона ва соҳибкорони инфиродӣ аз ин навоварии низоми андозсупорӣ истифода мебаранд.<br>Гузаронидани семинар-машваратҳо ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон вобаста ба қонунгузории андоз, аз ҷумла татбиқи амлии Кодекси андоз яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисобмеравад.<br>Вобаста ба ин, кормандони мақомоти андоз дар ду моҳи соли ҷорӣ бо | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | иштироки андозсупорандагон зиёда аз 190 семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор намуда, инчунин дар ин давра тавассути воситаҳои ахбори омма 34 маротиба барномаҳои таҳлиливу омӯзишӣ дар шакли алоҳидаи бахши иқтисодӣ ва иттилоотӣ пешкаши тамошобинон ва шунавандагон гардониданд.<br>Кодекси андози ҶТ дар таҳрири нав дар ҳаҷми 50000 адад (ба забони тоҷикӣ 40000 адад ва русӣ 10000 адад) чоп карда шуда, ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин ташкилоту муассисаҳо ва андозсупорандагон ройгон дастрас карда шуд. Корҳо дар ин самт мунтазам идома доранд. | |
| 4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буҷети давлатии соли оянда ҷудо намудани маблағҳои заруриро барои таъсиси Фонди муштараки қарздиҳии хурд барои соҳибкорон, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ ба инобат гирифта, ҷиҳати таъсиси Фонди мазкур чораҳои амалӣ андешанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Иҷро шуд.***<br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 5 феврали соли 2013 №34, Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» таъсис дода шуд.<br>Самтҳои асосии фаъолияти Фондро таъминоти молиявии барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳо ва чорабиниҳо дар самти дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, фаъолияти таълимӣ, иттилоотию таҳлилӣ, таҳририю интишоротӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд. | |
| 5. Вазоратҳои кишоварзӣ, энергетика ва саноат, Палатаи савдо ва саноат, Иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва бо ҷалби шарикони рушд барои таъсиси созмонҳо ё ташкилотҳои якҷояи истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва содироткунандагон чораҳои мушаххас андешанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати кишоварзии ҶТ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2012 таҳти №383 “Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” қабул гардидааст, ки амалӣ гардидани барномаи мазкур барои таъсиси созмонҳо ё ташкилотҳои якҷояи истеҳсолкунандагон, ташкил ва рушди иттифоқҳои кооперативҳо мусоидат хоҳад намуд.<br>Аз рӯи Барнома мусоидат намудан ба хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) ихтиёрӣ, истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва ассосиатсияҳои бозори кишоварзӣ, ки манфиатҳои гурӯҳҳои мазкури кишоварзиро ҳимоя ва намояндагӣ мекунанд, пешбинӣ гардидааст, ки он ба ташкил ва рушди чунин созмонҳо, ассосиатсияҳо аввалан дар сатҳи маҳаллӣ мусоидат мекунад. Дар ин самт як қатор лоиҳаҳои санадҳои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳо” таҳия ва қабул гардида, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” дар ҳоли мувофиқа қарор дорад.<br>Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон омодагии худро ҷиҳати таъсиси созмонҳо ё ташкилотҳои якҷояи истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва содироткунандагон изҳор намудааст. Ассосиатсияҳои соҳавии узви Палатаи савдо ва саноат ба созмонҳои зикршуда ҳамчун узви комилҳуқуқ ҷалб карда мешаванд. | |
| 6. Вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар мақомоти марбута барои татбиқи бомаром ва пурраи «Барномаи давлатӣ оид ба афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2011-2012» ва рушди бемайлони минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ», «Данғара» ва «Ишқошим» бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд чораҳои зарурӣ андешанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди самараноки МОИ-и ҷумҳурӣ якҷо бо маъмуриятҳои ин минтақаҳо корҳои зерин амалӣ карда шуданд.<br>**Минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”:**<br>Маъмурият то имрӯз аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва маблағҳои ҷудокардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро амалӣ намудааст:<br>1) -таҳияи Нақшаи кулли тарҳкашӣ (Генплан) ва топографӣ;<br>-лоиҳаи сохтмони хатти об, лоиҳаҳои пойгоҳи обкашӣ ва пойгоҳи обтакшинкунӣ;<br>2) Корҳои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа;<br>-сохтмони хатти об бо дарозии 2510 метр ва Пойгоҳи муваққатии обкашӣ;<br>-сохтмони деворбандии атрофи минтақа бо дарозии 760 метр;<br>- таъмири бинои Маъмурият ва сохтмони хатти барқи дохилии минтақа;<br>То имрӯз 9 ширкат ҳамчун субъекти МОИ «Панҷ» ба қайд гирифта шудааст. Қисме аз онҳо фаъолият доранд ва қисми дигар ба воридоти таҷҳизоти технологӣ, корҳои ташкилии коргоҳҳои истеҳсолиро анҷом дода истодаанд.<br>**Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”:**<br>Маъмурият то имрӯз аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва маблағҳои ҷудокардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро амалӣ намудааст: | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | - Оғози сохтмони бинои Маъмурияти МОИ;<br>- Лоиҳаҳои хароҷоти Нақшаи генералӣ ва нақшаи хати оби минтақа;<br>- оғози сохтмони марҳилаи аввали иншооти иҳотакунандаи атрофи минтақа;<br>- оғози корҳои лоиҳаи сметавии сохтмони роҳ ва хати барқи минтақа.<br>Айни замон, дар МОИ "Данғара" 7 ширкат ҳамчун субъекти минтақа ба қайд гирифта шудааст, ки онҳо корҳои омодагиро ҷиҳати сохтмони корхонаҳои истеҳсолии худ амалӣ намуда истодаанд.<br>**Минтақаи озоди иқтисодии "Ишкошим":**<br>Дар минтақаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ҷиҳати сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа корҳои зерин амалӣ карда шудааст:<br>- таъмири бинои маъмурии минтақа;<br>- корҳои топографию геодезӣ;<br>- идомаи нақшаи генералии минтақа ва идомаи сохтмони хати обгузар.<br>Ҷиҳати ҷалби таваҷҷӯҳи сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба ин минтақаҳо, рӯзҳои 11 ва 12 октябри соли 2012 дар вилояти Суғд Конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзӯи «Нерӯи сармоягузории вилояти Суғд» ва рӯзҳои 24 ва 25 октябри соли 2012 дар вилояти Хатлон нахустин Конфронси байналмилалии иқтисодӣ дар мавзӯи «Имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди вилояти Хатлон» бо дастгирии шарикони рушд баргузор гардиданд. Инчунин бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №565 аз 8 октябри соли 2012 Фонди ҷумҳуриявии рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ таъсис дода шуд. | |
| 7. Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти гумрук, Палатаи савдо ва саноат, Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ҷиҳати сари вақт дастрас намудани кодҳои роҳи оҳан ва дигар ҳуҷҷатҳои барои содироти маҳсулот зарурӣ чораҳои мушаххас андешида, ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» барои содироту воридоти молро суръат бахшанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Дар доираи татбиқи "Барномаи ҷорӣ намудани системаи Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Ҳукумати ҶТ марбут ба масъалаҳои соддагардонии тартиби савдои байналмилалӣ, кам намудани хароҷоти муомилот, суръат бахшидан ба ҷараёни барасмиятдарории гумрукӣ, дастрас намудани кодҳои роҳи оҳан, баланд бардоштани самаранокии тақсимоти захираҳо, ки ба шаффофият ва рушди савдои байналмилалӣ мусоидат мекунад, як зумра корҳо ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла бо қарори Ҳукумати ҶТ Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | татбиқи Барнома ташкил карда шудааст.<br>То ин давра панҷ ҷаласаи Кумитаи ҳамоҳангсоз гузаронида шуд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни масъалаи ташкили системаи “Равзанаи ягона” оид ба содироту воридот ва транзити молҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.<br>Дар назди Кумитаи ҳамоҳангсозӣ 3 гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷати электронӣ ва масъалаҳои мувофиқакунонии маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои савдои хориҷӣ истифода мешаванд, ташкил гардида, фаъолияти худро идома дода истодааст. | |
| 8. Вазоратҳои кишоварзӣ, энергетика ва саноат дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо бо мақсади мубодила ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар заминаи хоҷагиҳои пешқадами боғу токпарварӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзии вилояти Суғд семинар-машваратҳои амалӣ ва курсҳои бозомӯзиро ташкил намуда, мутахасисони ҷавонро барои азхуд намудани таҷрибаи пешқадами соҳа ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва хориҷа сафарбар намоянд. | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Вазорати кишоварзӣ тасмим гирифтааст, ки дар давоми соли 2013 боназардошти намоён будани таҷрибаи пешқадами соҳаи боғу токпарварӣ ва коркради маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои вилояти Суғддар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар заминаи хоҷагиҳои пешқадам дар миқёси ҷумҳурӣ семинар-машваратҳо доир намояд.<br>Ҳамзамон, соли 2012, 30 нафар мутахассисон аз дастгоҳи марказии вазорат ва 59 нафар аз зерсохторҳои вазорат барои таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ ба Ҷ.Х. Хитой, Туркия, Қазоқистон ва Қирғизистон фиристода шуданд.<br>Мувофиқи нақшаи Вазорати энергетика ва саноат ҳар сол дар мавсими коркарди меваю сабзавот дар корхонаҳои саноатии соҳа семинар-машваратҳои амалӣ гузаронида мешавад, ки дар кори он мутахассисони ботаҷриба иштирок намуда, ба мутахассисони ҷавон таҷрибаи пешқадами соҳаро меомӯзонанд.<br>Дар соли 2013, дар давраи мавсими коркарди меваю сабзавот гузаронидани чунин семинар – мешваратҳо дар корхонаҳои вилояти Суғд дар назар дошта шудааст. | |
| 9. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, мелиоратсия ва захираҳои об, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Палатаи савдо ва саноат, Иттифоқи | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдо айни замон дар ҷумҳурӣ 20 корхонаи саноатӣ, ки ба истеҳсоли обҳои маъданӣ ва дигар нӯшокиҳои ташнашикан машғуланд, фаъолият мекунанд, ки бозори дохилии ҷумҳуриро таъмин намуда, қисме аз маҳсулоти истеҳсошудаи | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| «Тоҷикматлубот» барои ба роҳ мондани содироти оби ошомиданӣ ба кишварҳои хориҷӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд. | | барои содирот нигаронидашудаäро ба хориҷи кишвар ба фурӯш мебароранд.<br>Тибқи иттилои Вазорати энергетика ва саноат соҳаи истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан ва обҳои маъданӣ, ки зиёда 60 корхонаҳои хурду миёнаро дарбар мегирад, дар солҳои охир хеле рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсоли ин номгӯи маҳсулотро дар соли 2012 ба 6 млн.декалитр расониданд. Ин нишондиҳанда назар ба ҳаҷми истеҳсоли солҳои то 90-ум 2 маротиба зиёд мебошад. Барои ба хориҷи кишвар содир намудани онҳо аз тарафи корхонаи муштараки “Оби Зулол”-и ш. Истаравшан корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда, ҳоло корхона барои содироти обҳо ба Туркманистон, Федератсияи Россия ва Афғонистон шартнома бастааст. | |
| 10. Вазоратҳои энергетика ва саноат, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушди Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи дастрас намудани шарти техникӣ ҷиҳати пайвастшавӣ ба шабакаи барқ барои корхонаҳои саноатӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» чораҳои зарурӣ андешанд. | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.*** | |
| 11. Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои марбута барои ихтисор намудани номгӯи ҳуҷҷатҳо ҳангоми ташкили хоҷагии деҳқонӣ ва дастрас намудани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин чораҳои муассир андешанд. | Соли 2013 | ***Корҳои муайян иҷро шудааст.***<br>Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтисор намудани номгӯи ҳуҷҷатҳо ҳангоми ташкили хоҷагии деҳқонӣ ва дастрас намудани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин тадбирҳо андешида, тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.02.2010, №105 ва мутобиқи моддаи 6 Кодекси замини ҶТ, Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин аз тарафи мақомоти давлатии заминсозии ҶТ ва мақомоти он дармаҳалҳо дар мӯҳлати на дертар аз 25 рӯзи корӣ аз лаҳзаи воридшудани ариза (мактуб, дархост) бо замима тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ (парвандаи заминсозӣ) дода мешавад.<br>Барои осонтар ва соддатар гардонидани ҳуҷҷатгузориҳо ва сари | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | вақт бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин намудани заминистифодабарандагон тибқи Фармони Раиси Кумитаи заминсозӣ ва геодезӣ ваколати барасмиятдарории Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба Кумитаи заминсозии вилоятҳо вогузор карда шудааст. | |
| 12. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>- нақшаи шашмоҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таҳия намуда, тавассути рӯзномаву маҷаллаи соҳавии бахши андоз ва саҳифаи интернетии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шаш моҳ қабл аз оғози санҷиш ба соҳибкорон пешниҳод намояд;<br>- ҳар семоҳа оид ба ҳаҷми андозҳои пинҳонкардашуда аз ҷониби соҳибкорон ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намуда, инчунин маълумоти мазкурро дар саҳифаи интернетии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намояд. | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br>Тибқи иттилои Кумитаи андоз нақшаи ягонаи санҷишҳои маҷмӯии (комплексии) андозсупорандагон барои нимсолаи аввали соли 2013 ба фармоиши Кумитаи андоз аз 16.01.2013, №16 тасдиқ гардидааст, ки он дар ҳафтаномаи "Боҷу хироҷ" чоп карда шуда, дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) бо номи "Нақшаи санҷишҳо дар нимсолаи аввали соли 2013" ҷойгир карда шудааст ва андозсупорандагон метавонанд аз он истифода баранд.<br>Мақомоти андоз дар моҳи январи соли 2013 фаъолияти 512 андозсупорандаро (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) тахти санҷиш қарор доданд. Дар натиҷаи корҳои назоратии гузаронидашуда 30,2 млн. сомонӣ маблағи андозҳо бо ҷаримаву фоизҳо муайян гардида, 13,1 млн. сомонии он ба буҷет ворид карда шуд. | |
| 13. Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи пурраи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» чораҳои муассир андешад. | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br>Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 13, Протоколи №1с/12.2-13 ҷаласаи X-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 19 октябри соли 2012, доири татбиқи пурраи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014" иттилоъ медиҳад, ки аз давраи қабули Барномаи мазкур чораҳои муассир андешида корҳои муайяне ба анҷом расонида шудааст.<br>Мутобиқи Фармоиши Директори Агентӣ тахти рақами №71/ф аз 9 ноябри соли 2011, Нақшаи чорабиниҳои Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои супоришҳое, ки аз Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами №459 аз 4 октябри соли 2011 «Дар бораи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | сохтмон барои солҳои 2012-2014» бармеоянд тасдиқ гардидааст, ки иборат аз 8 банд буда кулли масъалаҳои Барномаро фаро гирифтааст.<br>Нақшаи-чорабиниҳои Барномаи мазкур ба кормандони масъули дастгоҳи марказии Агентӣ, ташкилотҳои зерсохтори он ва ба тамоми мақомотҳои маҳаллии меъмории шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ирсол карда шуданд. Рафти иҷрои масъалаи мазкур дар ҳар як ҷаласаи навбатии мушовараи Агентӣ мавриди мӯҳокима қарор гирифта қарорҳои дахлдор қабул карда мешавад.<br>Натиҷаи ҳамин корбарӣ буд, ки Барномаи мазкур дар ташкилоту корхонаҳои зерсохтори Агентӣ ва мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта оид ба иҷрои он нақша - чорабиниҳои дохилиидоравӣ ба тасвиб расонида шуданд, ки амалӣ гардонидани онҳо зери назорати доимӣ қарор дода шудааст.<br>Мақсади асосии Барнома ин беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, соҳибкорӣ ва бартараф кардани мушкилоти мавҷуда дар соҳаи сохтмон ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, вале нарасидани кадрҳои баландихтисоси соҳа, мавҷуд набудани системаи ягонаи автоматизатсияшуда, ба пурраги таъмин набудани шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо нақшаҳои генералӣ, мавҷуд набудани ҳамкорӣ миёни мақомоти меъморию шаҳрсозӣ бо хадамотҳои муҳандисӣ - техникӣ, як қадар мушкилиҳоро ба бор овардааст.<br>Аз ҷумла:<br>**Оид ба иҷрои банди 1, Нақшаи чорабиниҳои Барнома** дар соли 2012 барои дастгирии мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иловатан мебоист, ки 40 воҳиди корӣ бо ҳисоби хароҷотҳои умумӣ дар ҳаҷми 2899,0 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда, соли 2013 дар нақша ҳаст, ки 20 воҳиди корӣ бо ҳисоби хароҷотҳои умумӣ дар ҳаҷми 1488,9 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шавад, мутаасифона ин масъала то ҳол ҳалли худро наёфтааст ва аз ҷониби Вазорати молия то инҷониб ягон ҷавоби саҳеҳ дода нашудааст, ки боиси нигаронӣ мебошад.<br>Таъминоти моддию техникӣ ва маблаuгузории фаъолияти мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ низ боиси нигаронӣ мебошад,чунки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» таҳти №380 аз 20 марти соли 2008 ва Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №933 аз 28 декабри соли 2012 маблаuгузории мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ (аз Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) амалӣ карда мешуд, вале ин масъала низ то имрӯз ҳалли худро наёфтааст.<br>Ба ин нигоҳ накарда соли 2012, дар мувофиқа бо лоиҳаи ташкилоти хориҷии “Оксфам,” бахри татбиқи амалии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №282 аз 6 майи соли 2009,“ ва Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014, оиди таъминоти моддию-техникӣ, мақомотҳои маҳаллии меъморию шаҳрсозии ноҳияҳои Мӯъминобод ва Рӯдакӣ бо таҷҳизотҳои компютерӣ таъмин карда шуда ҳамкориҳо идома дорад.<br>Ҳоло аз 65 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Нақшаҳои генералии 28 шаҳру ноҳияҳо | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | таҳия гардида, мавриди амал қарор доранд. Боқимонда 37 адади дигараш бошад, аз сабаби эътибори мӯҳлаташон гузаштан тасҳеҳро талаб доранд.<br>Дар давоми соли 2012 тасҳеҳи нуҳ лоиҳаи Нақшаи генералӣ ба охир расонида шуда (маркази ноҳияҳои Ишкошим, Файзобод, Рӯшон, Шӯробод, Ғарм, шаҳри Ҳисор ва шаҳраки Оби-Гарм) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, шаҳри Сарбанду маркази ноҳияи Ҷ.Румӣ дар арафаи тасдиқ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон қарор дорад.<br>Имрӯзҳо дар коркарди пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии «Шаҳрофар» иҷрои таҳияи Нақшаҳои генералии шаҳраки Нови ноҳияи Спитамен – 100%, шаҳри Истаравшан – 100% ба анҷом расонида шуда лоиҳаи Нақшаи генералии шаҳрҳои Исфара – 70%, Конибодом – 95%, Панҷакент – 80% ва Истиқлол(Табошар) – 95%, инчунин маркази ноҳияҳои Дарвоз – 70%, Мӯминобод – 70% ва Темурмалик – 70% аз ҷониби мутахассисони пажуҳишгоҳ мавриди тасҳеҳ қарор доранд.<br>**Оид ба иҷрои банди 2, Нақшаи чорабиниҳо** мувофиқ ба розигии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 сентябри соли 2012, №15/5-151 рӯзҳои 10-11 октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе ҷаласаи VI-уми Комиссияи нархгузории Шӯрои байниҳукуматии ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, ки дар ин чорабинии мазкур имконият фароҳам омад, ки мутахассисони соҳаи нархгузорӣ оид ба масъалаҳои ҷойдошта доири нархгузории фаъолияти сохтмонӣ таҷрибаи якдигарро омӯзанд ва ба нақша гирифта шуд, ки дар ҷаласаҳои минбаъда масъалаи системаи суғурта дар соҳаи сохтмон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.<br>**Оид ба иҷрои банди 3**, **Нақшаи чорабиниҳо** дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ” аз 16 апрели соли 2012 дар моддаи 42-и Қонуни мазкур тағйироти зарурӣ ворид карда шуда, ҷиҳати пешгирии бунёди иншооти сифаташ паст, пешбинӣ карда шудааст, ки агар нархи дархости тендерии довталаб аз маблағи барои хариди иҷрои корҳои сохтмонӣ ҷудогардида зиёда аз 10 фоиз камтар бошад, чунин дархости тендерӣ рад карда мешавад.<br>**Оид ба иҷрои банди 4, Нақшаи чорабиниҳо** аз ҷониби нозирони Хадамоти давлатии назорати сохтмон ва меъмории Агентӣ ҷиҳати риояи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти меъморӣ,шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ” ва “Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мунтазам санҷиши корҳои сохтмонӣ гузаронида, ҳангоми ошкор кардани камбудиҳо дараҷаи гунаҳгории пудратчиён, фармоишгарон ва дигар иштирокчиёни ҷараёни сохтмонро муайян намуда,оиди ислоҳи онҳо дар асоси қонунҳои амалкунанда, чораҳои дахлдор андешида мешавад.<br>Ҷиҳати баланд бардоштани талабот оид ба беҳтар гардонидани сифати лоиҳаҳои сохтмонӣ бо назардошти риояи қатъии мӯҳлатҳо, истифодаи технологияи муосир, таҷҳизоти энергиясамаранок ва маводҳои сохтмонии босифати сертификатдор, машваратҳои корӣ бо ташкилотҳои лоиҳасоз ва экспертони ғайриштатӣ мунтазам гузаронида мешаванд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **Оид ба иҷрои банди 5, Нақшаи чорабиниҳо**, ки ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастааст, айни ҳол ҳамкориҳо идома доранд. Ҳамчунин қобили қайд аст, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири нав бо назардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия гашта истодааст.<br>**Доир ба иҷрои банди 6, Нақшаи чорабиниҳо,** корҳои фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, дар давоми соли 2012 ҷиҳати гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ гурӯҳи корӣ ба шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Нуробод, Хуҷанд, Ваҳдат ва Турсунзода сафар карда бо ташкилотҳои сохтмонӣ вохурӣ баргузор намуданд. Дар шаҳри Душанбе чунин вохурӣ санаи 06.06.2012 сол баргузор карда шуд. Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав низ баррасӣ карда шуда бо назардошти таклифу пешниҳодҳои гуруҳи сохтмончиён қабул ва мавриди истифодабарӣ қарор гирифт.<br>Дар давоми соли ҷорӣ тариқи шабакаҳои мухталифи телевизионии давлатию маҳаллӣ , маҷаллаю рӯзномаҳо, марказҳои иттилоотӣ ва радиоҳои гуногун тақрибан 200 намоишҳои таҳлилию аналитикӣ зери унвони “Андоз –бақои давлат”, “Дар мавзӯи рӯз”, гузоришҳо барои барномаҳои иттилоотии шабакаҳои радио ва телевизионҳо, мақолаю сӯҳбатҳо дар рӯзномаҳои даврӣ нашру пешкаши бинандагон ва шунавандагон гардониданд.<br>**Ҷиҳати иҷрои банди 7, Нақшаи чорабиниҳо**, «Низомнома оид ба тартиби гузаронидани мониторинги нархҳо (тарифҳо), ҳисобкунии индекси нархҳо дар сохтмон» таҳия карда шуда, бо фармоиши директори Агентӣ №91/Ф аз санаи 10 декабри соли 2012 тасдиқ карда шуд.<br>Барои гузаронидани мониторинг ва муайян намудани арзиши масолеҳҳои сохтмонӣ дар бозорҳои марказии шаҳрҳои Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хӯҷанд ва Хоруғ аз ҷониби КВД «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон»-и Агентӣ дар шаҳрҳои номбурда, мутахассисонро ҳамчун намояндаи Маркази нархгузорӣ ба кори доимӣ қабул карда, дар асоси талаботи Низомномаи мазкур мониторинги арзиши масолеҳҳои сохтмонӣ дар бозорҳои марказии шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хӯҷанд ва Хоруғ гузаронида шуда «Бюллетени ҳарсемоҳаи нархгузорӣ дар сохтмон» таҳия гардида, пешкаши истифодабарандагон карда шуд.<br>Ҳамзамон бо мақсади дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ, мувофиқ ба талаботҳои хуҷҷатҳои меъёрӣ дар соҳаи сохтмон ба лоиҳаи тартиби таҳияи харҷномаҳои захиравӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуд.<br>Ба таркиби харҷномаи захиравӣ 2% андоз барои истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз ҷамъи хароҷотҳои мустақим, мувофиқ ба Кодекси андоз дар таҳрири нав лоиҳаи таuийиру иловаҳо ба санадҳои амалкунандаи Агентӣ омода гардида барои мувофиқасозӣ ба Кумитаи андоз ирсол карда шуд ва дар марҳилаи қабулшавӣ қарор дорад.<br>Ҷиҳати татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | 2015, Консепсияи такмилдиҳии нархгузорӣ ва меъёргузории харҷномавӣ дар сохтмон дар шароити такмилдиҳии муносибатҳои бозорӣ таҳия карда шуда аз моҳи январи соли 2013 барои истифода пешниҳод гардид.<br>Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки масъалаҳои ҳамкориҳои байналхалқӣ дар самти таҳияи санаду ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ, меъёрию қоидаҳои сохтмон ва ГОСТ-ҳо дар ҳамкорӣ бо комиссияи байнидавлатӣ оиди таҳияи меъёрҳои соҳаи сохтмони Шӯрои байниҳукуматии ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди баррасӣ қарор дорад. Барои баррасӣ аз ҷониби комиссияи байнидавлатӣ 96 номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии байнидавлатӣ ба Агентӣ ворид гардида нисбати онҳо хулосаи Агентӣ омода ва барои қабул бо тағйироту иловаҳо овоз дода шуд.<br>**Ҷиҳати иҷрои банди 8, Нақшаи чорабиниҳо**, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» таҳия карда шуд, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.<br>Инчунин ҷиҳати иҷрои банди мазкур, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 таҳти №172» Оид ба тасдиқи низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (дар таҳрири нав) таҳия карда шуда баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии пешниҳод карда шуд. Айни замон баъди эродҳои Шӯъбаи сохтмон ва меъмории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқаи иловагӣ қарор дорад.<br>Ҳамзамон мебояд қайд кард, ки Агентӣ баҳри амалӣ гардонии Барномаи мазкур тамоми чораҳоро меандешад, ки он ба пуррагӣ ҳалли худро ёбад. | |
| 14. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе барои ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди роҳбарони вилоятҳо ва шаҳри Душанбе тадбирҳои зарурӣ андешанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>**Оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон:**<br>Дар вилояти Хатлон Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фаъолият намуд истодааст ва оид ба натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои минтақавӣ дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Раиси вилоят бо ахбороти муфассал баромад намуд.<br>Мавриди зикр аст, ки дар соли 2012 се маротиба вохӯрии раиси вилоят бо соҳибкорони маҳаллӣ гузаронида шуда, барои пешрафти фаъолияти онҳо ва баратарафсозии монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои саривақтӣ андешида шуданд.Натиҷаи чунин ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | буд, ки дар соли 2012 дарвилоят 132 адад корхона ва оргоҳҳои хурди саноатӣ бунёд гардид, ки аз ин ҳисоб 3315 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд.<br>Соли гузашта аз ҷониби соҳибкорон 198 адад иншооти гуногун сохта ба истифода дода шуданд. Дар соли 2013 соҳибкорон тасмим гирифтаанд, ки 208 адад корхона ва коргоҳҳои истеҳсолию саноатӣ сохта мавриди истифода қарор медиҳанд.<br><br>**<u>Оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд:</u>**<br>Дар давраи ҳисоботӣ се ҷаласаи Шӯрои минтақавӣ гузаронида шуданд. Дар ҷаласаҳо масъалаҳои гузаронидҷни таҳлил дарбахши коркарди маҳсулот, баланд бардоштани иқтидори содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот, рушди бахши сайёҳӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.<br>Мунтазам вохӯрии раиси вилоят бо раисони шаҳру ноҳияҳо бо соҳибкорон доир гардида, дар он масъалаҳои вобаста ба рушди соҳибкорӣ ва мушкилоти ҷойдошта баррасӣ карда мешаванд.<br>Дар натиҷаҳои ҳамкориҳои зич ва дастгириҳои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ бо соҳибкорон буд, ки соли 2011, 200 иншооти гуногуни хизматрасонӣ, 65 корхонаҳои саноатӣ бо маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ ба истифода дода шуда, аз ҷониби соҳибкорон соли 2012 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 102 адад корхонаҳои саноатӣ бунёд гардид.<br>Аз ҷумла дар вилоят таи солҳои охир якчанд корхонаҳои коркарди меваи хушк, аз ҷумла дар шаҳри Исфара ва ноҳияи Ашт ба фаъолият оғоз намуданд, ки пурра ба содирот машғуланд.<br>Оид ба натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои минтақавӣ, Раиси вилояти Суғд дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо ахбороти мфассал баромад намуд.<br><br>**<u>Оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон:</u>**<br>Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | соҳибкорӣ дар ВМКБ чор ҷаласа доир намуда, дар онҳо масъалаҳои зерин баррасӣ карда шуданд:<br>1.Оид ба нақша чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мулоқоти Президенти мамлакат бо соҳибкорони ҷумҳурӣ за 15 январи соли 2010.<br>2. Муносибатҳои иқтисодӣ ва проблемаҳои ҷойдошта дар рафту омад бо Ҷумҳурии Халқии Хитой.<br>2.Савдои байни сарҳадӣ яке аз омилҳои рушди муносибатҳои минтақавӣ.<br>3. Ҳолат ва мушкилоти қарздиҳӣ барои соҳаи соҳибкорӣ.<br>4.Таклифу пешниҳодот ба лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав.<br>Илова ба ин, дар моҳи майи соли сипаригашта вохӯрии Раиси вилоят бо соҳибкорони вилоят баргузор гардида, дар он зиёда аз 100 нафар соҳибкорон ширкат варзиданд.<br>Дар моҳи январи соли ҷорӣ ҷаласаи навбатии Шӯрои минтақавӣ доир мегардад, ки дар он масъалаи рушди бахши сайёҳӣ ба нақша гирифта шудааст.<br>Дар ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ гузориши Раиси ВМКБ ба нақша гирифта шудааст. Дар заминаи корҳои анҷомдодашуда лоиҳаи ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳия гардида истодааст ва вақтҳои наздик дастрас карда хоҳад шуд. | |
| 15. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд:<br>- сабабҳои кам шудани содироти маҳсулоти кишоварзиро таҳлил намуда, ҷиҳати зиёд намудани иқтидори содиротии вилоят чораҳои таъхирнопазир андешад;<br>- дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, шумораи | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли махсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва истифодаи иқтдорҳои бозистода чораҳои андешида истодааст.<br>Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ба 3,6 млрд сомонӣ расонида шуда, дар соли 2012 дар қаламрави вилоят102 корхонаҳои хурду бузург ба фаъолият шурӯъ намуд, ки аз ин ҳисоб 3924 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд.<br>Маҳсулоти содиротии вилоятро асосан маҳсулоти кишоварзӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| таъсиси корхонаҳои нави саноатиро дар қаламрави вилоят зиёд намояд. | | (сабзавот, меавҳои тар ва хушк, консерваҳо) нахи пахта, либосворӣ, маъданҳо, пӯсти коркарднашуда, маводи тарканда ва ғайра ташкил медиҳанд.<br>Истеҳсол ва содироти меваи хушк яке аз соҳаҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзии вилоят ба ҳисоб рафта, дар таркиби содироти вилоят мавқеи назаррас дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2012 меваи хушк ба маблағи 25,8 миллион доллари ИМА содир шуда, 5,15 % содроти вилоятро ташкил намуд. Ҳаҷми умумии маҳсулоти сдиротшаванда ба 77,4 ҳазор тонна баробаргардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 – 21,5% зиёд мебошад. | |
| 16. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, ҷиҳати ба низом даровардани тартибу қоидаҳои муайяни талабот нисбати фурӯши воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла нуриҳои минералӣ ва органикӣ, захрхимикатҳо ва тухмиҳо чораҳои амалӣ андешида, барои ташкил ва фаъолияти марказҳои фурӯши воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, яъне агромағозаҳо, марказҳои хизматрасонии техникию машваратӣ бо бахши хусусӣ ҳамкориро ба роҳ монанд. | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br>Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи механикониисоҳаи кишоварзӣ ва ба ин васила расонидани ёри амалӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ 63 адад марказҳои хизматрасонии техникӣ ташкил карда шудааст, ки онҳобо техника таҷҳизонида шудаанд ва ба кишоварзон хизмат мекунанд. Дар ин радиф, КВД “Тоҷикагролизинг” низ ташкил карда шудааст.<br>Ҳамчунин бо мақсади таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат ва нуриҳои минералӣ Лоиҳаи таъҷилии таъмини амнияти озуқаворӣ ва воридоти тухмӣ дар 24 ноҳияи вилояти Хатлон фаъолият дорад.<br>Аз ҷониби Марказ дар худуди 12 ноҳияҳои вилояти Хатлон марказҳои фурӯши нуриҳои минералӣ ташкил карда шуда, айни замон фурӯши нуриҳои минералӣ ба ҳаҷми 192 тонна расонида шудааст.<br>Умуман, дар вилояти Хатлон вобаста ба масъалаи мазкур корҳои зиёде анҷом дода шуда, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 113 адад мағоза ва нуқтаҳои фурӯши тухмӣ ва 146 адад мағозаю нуқтаҳои фурӯши нуриҳои минералӣ ва захрхимикатҳо ташкил ва фаъолият намуда истодаанд.<br>Тибқи иттилои роҳбарони баъзе ноҳияҳо, аз қабили ноҳияҳои Шаҳринав, Рӯдакӣ, Нуробод ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ фурӯши воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла нуриҳои минералӣ ва органикӣ, захрхимикатҳо ва тухмиҳо чораҳои амалӣ андешида, барои ташкил ва фаъолияти марказҳои фурӯши воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст. Дар натиҷа якчанд | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | чунин марказҳо ташкил гардида, фаъолияти хуб доранд.<br>Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо нуриҳои минералӣ ва захрхимикатҳо зиёда аз 17 адад агромағозаҳо ташкил карда шудааст. Инчунин дар як қатор ноҳияҳои вилоят марказҳои хизматрасонии техникӣ ташкил карда шудааст. | |
| 17. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута барои муҳайё намудани аломатҳои ишоравии номҳои кӯчаву хамгаштҳо дар чорроҳаву сероҳа ва хонаҳои истиқоматӣ, инчунин муҳайё намудани харитаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои сайёҳон чораҳои таъхирнопазир андешанд. | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br>Бо мақсади иҷрои банди мазкур бо қарори Котиби масъули Шӯрои сармоягузорӣ, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон №32 аз 27.03.2013 гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таъсис дода шуд.<br>Мақсади гурӯҳи кории мазкур муайян намудани афзалиятҳои асосӣ ҷиҳати гузаронидани ислоҳот барои фароҳам овардани фазои мусоид дар бахши сайёҳӣ дар ҳамоҳангсозӣ бо бахшҳои давлатию хусусӣ ва шарикони рушд ба ҳисоб меравад, ки масъалаҳои дар банди мазкур зикргардида, яъне муҳайё намудани аломатҳои ишоравии номҳои кӯчаву хамгаштҳо дар чорроҳаву сероҳа ва хонаҳои истиқоматӣ, инчунин муҳайё намудани харитаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои сайёҳон аз инҳо мебошад.<br>Вазифаҳои асосии гурӯҳи кории номбурда гузаронидани таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва пешниҳоди тавсияҳо ба ҷаласаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки тахминан моҳҳои август/сентябри соли 2013 баргузор мегардад, иборат мебошад. | |
| 18. Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон, Намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ва Иттифоқи Тоҷикматлубот барои пайдо намудани бозорҳои нави маҳсулоти содиротии Тоҷикистон ва шарикони боэътимоди тиҷоратӣ ба ширкатҳо ва соҳибкорони Тоҷикистон кӯмакҳои амалӣ намоянд. | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдо намояндагиҳои тиҷоратии ҶТ дар кишварҳои хориҷӣ барои пайдо намудани бозорҳои нави маҳсулоти содиротии Тоҷикистон ва шарикони боэътимоди тиҷоратӣ ба ширкатҳо ва соҳибкорони Тоҷикистон кӯмакҳои амалӣ намуда истодаанд.<br>Намояндагиҳои тиҷоратӣ дар кишварҳои хориҷӣ лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишварамонро пайваста пайгирӣ намуда, чорабиниҳои вобаста ба баргузории намоишгоҳҳои тахассуӣ ва бизнес-форумҳои доираҳои соҳибкории ватанию хориҷиро амалӣ менамоянд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо наоишгоҳи маҳсулоти | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Москва, Оренбург ва Сочии Федератсияи Россия мебошад, ки аз ҷониби Намояндагии тиҷоратии ҶТ дар ФР ташкил карда шудааст.<br>Инчунин бо ташаббуси Намояндагии тиҷоратии ҶТ дар Ҷ.И. Эрон дарсолҳои 2010-2012 вохӯриву мулоқотҳои мунтазами ҳайати сармоягузорон ва соҳибкорони эронӣ бо ҳамтоёни худ дар Тоҷикистон баргузор гардиданд ва зиёда аз 10 санади ҳамкорӣ ба имзо расонида шуданд.<br>Ҳамзамон, корҳои ба анҷомрасонидаи намояндагиҳои тиҷоратӣ дар Қазоқистон, Украина, Туркманистон, Қувейт, Хитой, Латвия ва Малайзия низ назаррас аст.<br>Дар ин самт, фаъолияти Палатаи савдо ва санот низ қаобили қайд мебошад. Тибқи иттилои Палатаи савдо ва саноат аз ҷониби Палата мунтазам мизҳои мудаввар бо иштироки шарикони хориҷие, ки барои барқарор намудани муносибатҳои иқтисодиютиҷоратӣ бо ширкатҳои Тоҷикистон ҳавасманд мебошанд, гузаронида мешавад.<br>Дар соли 2012 зиёда аз 60 вохӯриҳо бо намояндагони ширкатҳои ҷумҳуриҳои исломии Эрон, Афғонистон, Покистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, ҷумҳуриҳои Туркия, Қазоқистон, Беларус, Федератсияи Россия гузаронида шуданд. | |
| 19. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ, ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешниҳод карда шавад. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Иҷро шудааст.***<br>Масъалаи мазкур ба лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи 11-уми Шӯро гузошта шудааст. Айни замон, ахбороти Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳия гардида, дастрас карда шудааст. | |
| 20. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:<br>- ҷиҳати татбиқи пурраи қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ мусоидат намоянд;<br>- барои ташкили Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, мустаҳкам намудани иқтидори техникию кадрии | Доимӣ | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| мақоми ваколатдори давлатӣ дар ин самт ва амалӣ намудани лоиҳаҳои мушаххас, дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, кӯмак намоянд;<br>- таклифҳои худро оид ба чараёни ислоҳоти иқтисодӣ, аз чумла дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ба таври хаттӣ бо пешниҳоди роҳҳои ҳалли он ба Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон ирсол намоянд. | | | |